Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6В.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022, таҳти № 15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, ба монанди дигар ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, барои ҷамъият хатари бештарро ба вуҷуд оварда, он боиси ноустувории сиёсати буҷети давлатӣ гардида, ба манфиатҳои миллии давлат таъсир мерасонад. Аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо захираҳои

молиявии давлатӣ ташкил карда мешаванд, ки низоми таъминоти иқтисодиву иҷтимоии мамлакати мо ба онҳо вобаста аст.

Барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят дар иҷро накардани уҳдадории конститутсионии шаҳрванд – андозсупоранда зоҳир мегардад, яъне додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад (м. 45 Конститутсияи ҶТ).

Пардохт нагардидани андозҳо ва пардохтҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ба устувории сиёсати буҷети давлатӣ халал ворид мекунад, имкониятҳои маблағгузории барномаҳои иқтисодию иҷтимоиро маҳдуд мекунад ва принсипи адолати иҷтимоиро вайрон мекунад, зеро андозҳо ва пардохтҳоро шахсоне, ки бори иловагии андозро ба шахсоне, ки мунтазам ҳамин гуна уҳдадориҳои худро бояд иҷро кунанд, вогузор мекунанд.

Мубрамияти мавзуъ, инчунин бо он алоқаманд аст, ки имрӯз муносибатҳои андоз ба марҳалаи нав ворид мешаванд. Агар дар аввал, сиёсати андозбандӣ танҳо манфиатҳои давлатро ба назар гирифта, хусусияти экстенсивӣ дошта бошад, имрӯз таҳти ин мафҳум манфиатҳои ҳамаи тарафҳо ба назар гирифта мешаванд.

Бо мақсади риояи манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон ин муносибатҳои ҷамъиятӣ аз қонуни ҷиноятӣ ба ҳимояи боэътимод ниёз доранд, зеро вайрон кардани онҳо барои ҳар як тараф (ҳам давлат ва ҳам андозсупорандагон) боиси оқибатҳои вазнин мегардад.

Бо мақсади таъмин намудани супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ КҶ ҶТ дар моддаҳои алоҳида ҷавобгариро муқаррар намудааст.

Вале, мутаассифона, новобаста аз якчанд маротиба даровардани тағйироту иловаҳо ба моддаи 292 КҶ ҶТ боз ҳам баъзе камбудиҳо дида мешаванд, ки дар амалия ин маънидодкунӣ татбиқи меъёри моддаи мазкури КҶ ҶТ-ро душвор гардонида, дар масъалаҳои бандубаст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъектони дахлдор баҳсҳоро ба вуҷуд меоварад.

Ҷой надоштани тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ дар ин самт ба татбиқи якхелаи ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ мусодат наменамояд.

Имрӯзҳо мушкилии асосии бандубасти ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, пеш аз ҳама, дар муайян кардани субъекти ҷинояти мазкур, номувофиқатии ҷазоҳои таъиншуда бо мақсади татбиқи ҷазо, мавҷуд будани мушкилотҳо дар духӯрагии қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории андозӣ, надонистан ва сарфаҳм нарафтани қонунгузории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, байнисоҳавӣ будани худи андоз ва андозситонӣ ва ғ. мебошад.

Инчунин, дар амалияи судиву тафтишотӣ дар масъалаи муайян намудани баъзе аз аломатҳои таркиби ҷинояти дар м. 292 КҶ ҶТ пешбинишуда роҳ ва усулҳои саркашӣ аз пардохти андоз, тарафи субъективии ҷинояти мазкур, асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он, вобаста ба миқдори саркашӣ кардан аз пардохти андоз, ҳамчун аломати асосии таркиби ҷинояти мазкур, вобаста ба ҳолатҳои вазнинкунандаи он баҳсҳо ҷой доранд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Масъалаҳои алоқаманд ба ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ то ба имруз пурра омӯхта нашудаанд ва онҳо то айни ҳол баҳснок боқӣ монда, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб мекунанд. Бояд қайд намоем, ки то ҳол таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, бандубасти ҷинояти мазкур ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ва таҳқиқоти олимони овардашуда масъалаҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ҳоло ҳам ба тадқиқотҳои зиёди илмӣ – комплексӣ эҳтиёҷ доранд.

Хусусан, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ роҳҳои асосии содир шудани саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ба монанди пинҳон кардани объектҳои андозбандишаванда, тартиби зиёд нишон додани хароҷот ва кам нишон додани даромад, ворид намудани маълумоти таҳрифшуда ба асноди муҳосибӣ ё эъломияи андоз муайян нашуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдорҳо пурра танзим нагардидаанд. Дар даврони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, хусусан тартиби насупоридани андозҳо ва ё пардохтҳо нав ба нав пайдо шуда истодаанд.

Диссертатсияи Давлатов Б.С. аввалин таҳқиқоти илмии бо забони тоҷикӣ таҳияшуда мебошад, ки дар масъалаҳои алоқаманд ба ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар вобаста ба масъалаҳои ҷиноятии саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Ҳамамон, вазъи ҷиноят ва ҷинояткорӣ дар самти масъалаҳои ҷиноятии саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ таҳлил гардида, бо истифода аз омор ва маълумотҳои дақиқ дар кишвар баҳогузорӣ шуда, аломатҳои хос ва фарқкунандаи шахсияти ҷинояткор дар содир намудани ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Гузашта аз ин, навгонии кор дар таҳлил ва тавсияҳо ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо, манзур мегардад.

Инчунин ба тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии моддаи 292 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии хориҷи кишвар муқоиса кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон ди□ад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории соҳа пешниҳод шудаанд, махсусан: (саҳ. 19-20).

Дар асоси таҳлили илмии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз пешниҳод карда мешавад, ки м. 292 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин оварда шавад:

**Моддаи 292. Қасдан насупоридани маблағи андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ**

1) Қасдан насупоридани маблағи андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи пешниҳод накардани эъломияи андоз ё дигар ҳуҷҷатҳо, ки пешниҳоди онҳо тибқи қонунгузорӣ ҳатмӣ мебошанд, ё бо роҳҳои дигар ворид намудани маълумоти таҳрифшуда, ки бо расонидани зарари калон содир шуда бошад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) бо расонидани зарари махсусан калон содир шуда бошад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: 1. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои *насупоридани маблағи* пардохтҳои гумрукӣ, супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар шахс бори аввал ин кирдорҳоро содир намуда, дар давоми чилу ҳашт рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор, маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорад, инчунин кирдорҳои мазкурро такроран содир намуда, дар давоми бисту чор рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорида бошад.

1. Субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 292 ҳамин Кодекс роҳбар, сармуҳосиб (дар сурати мавҷуд набудани штати сармуҳосиб – муҳосиб)-и ташкилот, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад.

2. Агар нисбати шахс бо моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шахс маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, дар асоси м. 72 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

3. Дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд маҳкумшуда маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, бо қарори суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳаллӣ иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешавад.

4. Насупоридани пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, он ҳангоме *бо расонидани зарари калон содиршуда* ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳои супориданашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва *бо расонидани зарари махсусан калон содир шуда*, аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии он амалан метавонанд, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, таърихи ташаккул ва асосҳои рушду такмили он, тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ, намудҳои бандубастшавандаи барои ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ истифода бурда шаванд. Бахусус, саҳми шахсии муаллиф дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои алоҳида ва аҳамияти онҳо назаррас аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, аз ҷумла, омӯзиши мавзуъҳои вобаста ба ҷинояти саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мавзуъҳои алоҳидаи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд, истифода карда шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф оид ба номукаммал будани меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, ки онҳо дар асоси тахлили маълумотҳои оморӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ бароварда шудаанд, барои такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, санадҳои меъёрии соҳавӣ ва санадҳои вобаста ба он зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти

таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Давлатов Б.С. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:**

**1.** Дар кори илмӣ моддаҳои алоҳида вобаста ба ҷинояти баррасишаванда пешниҳод шудаанд, ҳатто навгонӣ ба монанди "содир кардани ҳамин кирдор аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ" пешбинӣ гардидааст. Дар боби аввал, зербоби дуюм (таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ) ва боби дуюм зербоби сеюм (субъекти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ) қисман масъалаи аломатҳои бандубасткунанда дар саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст, аммо ба таври мушаххас таҳқиқоти аломатҳои бандубасткунанда вобаста ба ҷинояти мазкур дар дида намешавад. Хуб мешуд, ки дар таҳқиқоти мазкур аломатҳои бандубасткунанда дар саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар зербоби алоҳида пурра ва ҳаматарафа зери таҳқиқоти илмӣ қарор мегирифт.

**2.** Дар қисмати нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, моддаи 292 КҶ ҶТ дар таҳрири нав оварда шудааст. Дар эзоҳи он номгӯи субъектони ҷинояти мазкур пешниҳод шудааст: "Субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 292 ҳамин Кодекс роҳбар, сармуҳосиб (дар сурати мавҷуд набудани штати сармуҳосиб – муҳосиб)-и ташкилот, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба

мақомоти андоз пешниҳод мешаванд ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад” (саҳ.19-20)

Дар ин пешниҳод филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад, мутобиқи қонунгузории андозии ҶТ ҳамаи он уҳдадории пардохти андозро надоранд. Ғайр аз ин, бисёр ҳолатҳое ҷой доранд, ки ин шахсон аз ҳодисаи ҷиноят дарак надоранд. Бинобар ин, ҳамаи онро ба ҳайси субъекти моддаи 292 КҶ ҶТ гуфтан баҳснок мебошад. Қобили қабул аст, ки дар рафти ҳимояи ошкоро муаллиф ин масъаларо бори дигар тавзеҳ кунад.

**3**. Дар зербоби аввали боби якум масъалаи хусусиятҳои ҷиноятҳо дар соҳаи андоз баррасӣ шудааст. Ба сифати аз хусусиятҳои он дараҷаи баланди латентӣ доштани ин ҷиноятҳо оварда шудааст, вале мутаассифона дар таҳқиқот масалаи ҷиноятҳои латенти тамоман шарҳу тавзеҳ дода нашудааст. Диссертант бо кадом сабаб онро хусусияти асосии ин ҷиноятҳо овардааст, маълум нест. Бинобар ин, хуб мешуд муаллиф ин ақидаи худро ба таври илмӣ асоснок намояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд, ки фарогири паҳлӯҳои гуногуни мавзуи таҳқиқоти мебошанд. Ҳамчунин, муқарраროти асосӣ ва хулосаҳои

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ – амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Давлатов Б.С. ба талаботи банди 31,33-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Аз омӯзиши матни таҳқиқоти диссератсионӣ ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат карда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд, ки ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода бурда шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин

дар амалия, бахусус аз ҷониби кормандони оперативӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Давлатов Б.С.-ро нишон медиҳанд.

Дар интиҳо гуфтан мумкин аст, ки Давлатов Бахтиёр Саидакбарович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ :**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои**
**террористӣ ва таъмини бехатарии**
**ҷамъиятии факултети № 6**
**Академияи Вазорати корҳои дохилии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ҳ.С.**

Имзои **Сафарзода Ҳ.С.** - ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З
**www.avkd.tj;**
**Почтаи электронӣ:** **avkdtj@mail.ru;**
**Факс:** (+992 37) 226-60-43
**Суроға:** 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов - 3

«12» январи 2023 сол.